**10 02 22 ЯЗЫКИ НАРОДОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ЕВРОПЫ, АЗИИ, АФРИКИ, АБОРИГЕНОВ АМЕРИКИ И АВСТРАЛИИ**

**10 02 22 LANGUAGES OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES OF EUROPE, ASIA, AFRICA, NATIVES OF AMERICA AND AUSTRALIA**

***УДК 34С6***
***ББК 67.022.14***

# *ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚ ВА МАФҲУМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ*

***Шокиров Туграл Сироҷович,***
*д. и. ф., профессор, академики Академияи табиатшиносии Федератсияи Русия, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ЮРИДИЧЕСКИЕ ТЕРМИНЫ И ЮРИДИЧЕСКИЕ ПОНЯТИЯ*

***Шокиров Туграл Сироджович,***
*д.ф.н., профессор, академик Академии естествознания Российской Федерации, заведующий кафедрой таджикского языка ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *JURIDICAL TERMS AND JURIDICAL CONCEPTS*

***Shokirov Tugral Sirodgovich,***
*Dr. of Philology, Professor, academician of the Academy of Natural Sciences of the Russian Federation, chief of the Tajik Language department under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *Shokirov1953@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *термин, терминология, юридический термин, норма, мышление, язык закона, законодатель, определение*

*В статье на примере юридических терминов таджикского языка обозначены основные признаки правовой терминологии. Автор определяет роль юридического термина в праве, обозначает виды нормативной терминологии, определяет их позиции и степень употребления. Изложены точки зрения ученых на соотношение категорий «юридическое понятие» и «юридический термин», их общность и особенности. Содержится указание на основные направления развития терминоведения. Уделено внимание взаимоотношениям таджикского нормативного языка и языка юридической доктрины, важность точной оценки каждого отраслевого термина. Определены наиболее информативные разновидности юридического языка и их употребление при интерпритации законов и кодексов.*

***Key words:*** *term, terminology, juridical term, norm, thinking, language of law, legislator, definition*

*Basic legal signs of terminology are designated in the article, juridical terms of the Tajik language being taken as examples. The author determines the role of a juridical term in law, designates the types of normative terminology, defines their positions and degree of usage. He expounds the viewpoints of scientists concerned with the correlation of the categories of "juridical concept" and "juridical term", their common features and peculiarities. There is an indication to the main streamlines in regard to the development of terminology knowledge. The author pays attention to the issue of correlation between the Tajik normative language and that one of the juridical doctrine, to the importance of a precise assessment of each branch term. The most informative varieties of the juridical language and their usage under the interpretation of laws and codes are defined.*

Истилоҳот яке аз асоситарин воситаҳои интиқоли мафҳумҳои илмӣ ва тафаккури илмӣ буда, дар пешбурди илму тамаддун саҳми бузург дорад. Маҳз истилоҳот бояд муайянкунандаю фарққунанда ва нишондиҳандаи асосии соҳаҳои илм маҳсуб ёбад. Зеро шахс танҳо тавассути онҳо идроку тамизашро ба дигаре метавонад бирасонад ё аз каси дигар бигирад. Дар натиҷа мубодилаи илмӣ бидуни корбасти истилоҳот ғайриимкон мегардад. Қобили қайд аст, ки истилоҳот **умумию соҳавӣ** мешавад [2, с.23]. Умумияту соҳавияти истилоҳот тақозо менамояд, ки ҳар соҳа вижагиҳои луғавию маънӣ ва услубию тафсирии худро дошта бошад. Бинобар он гоҳо чунон мешавад, ки як вожа дар соҳаҳои гуногун маъниву мафҳумҳои мухталифро ифода менамояд. Ин хусусияти маънoии онҳо маъмулан дар фарҳангномаҳо хуб таҷассум меёбанд: **МОДДА** I *а.* مادّه 1. чизи асосӣ, ки барои пайдоиш ва сохта шудани чизи дигар чун замина хидмат мекунад, материал; *муқ.* **мавод: моддаи заҳрдор, моддаҳои тарканда, моддаҳои химиявӣ**. 2. *физ.* чизи дорои вазн, ки фазоеро ишғол мекунад, материя. 3. *фалс.* ҳаюло. **МОДДА** II *а.* مادّه 1. ҳар як аз бандҳои ягон қонун, низомнома, қарордод ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки як нуктаи томро дар бар мегирад ва бо рақамҳо аз ҳам ҷудо карда мешавад, банд; радиф: **моддаи панҷуми қонун, моддаи хароҷоти баровард**. 2. мавзӯъ, матлаб, ки як қисми чизеро ташкил медиҳад; **моддаи луғавӣ** *забш.* ҳар як аз воҳиди забонӣ дар фарҳанги тафсирӣ *ва г.*, ки калидвожа, тафсири маъноҳои он ва дигар ҷузъҳоро дар бар мегирад; **моддаи таърих** *адш.* калима ё таркибе, ки аз ҷамъбасти қимати ададии ҳарфҳои арабиасоси он мувофиқи ҳисоби абҷад санаи воқеае ҳосил мешавад [17,ч.1, с. 810].

Яке аз соҳаҳое, ки истилоҳоташ дар ҳаёти ҳамарӯзаи мардум бештар мустаъмал аст, **ҳуқуқшиносӣ** мебошад.

Истилоҳоти ҳуқуқ ҷузъи хеле устувори низоми истилоҳотии забон буда, дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҳар фард ва ҷомеаю давлати он мақому манзалати махсусеро дорост. Таҳлили доира ва дараҷаи истилоҳот муқаррар менамояд, ки истилоҳоти ҳуқуқ нисбат ба бисёр соҳаҳои илм фароҳдоира, серистеъмол ва оммавитар мебошад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши онҳо низ яке аз асоситарин вазифаҳои забоншиносии муосир бояд бошад. Худи ҳаёт ва фаъолияти ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тақозо менамояд, ки таркиби луғавии ин соҳа махсус омӯхта шавад, зеро ягон соҳаи дигареро наметавон номбар кард, ки ба маънидоду тавзеҳ ва ташреҳи мафҳумоти касбиаш диққати махсус медода бошад. Имрӯз аллакай метавон гуфт, ки тавзеҳу ташреҳ ба соҳаи махсуси ҳуқуқ табдил ёфтааст: 1. Ҳар як қонуну кодекс ва ҳуҷҷату санаде, ки таҳияву манзур мешавад, тавзеҳоти калидвожаҳои худро дорад; 2. Қариб тамоми

кодексҳое, ки интишор ёфта, мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз тарафи коршиносони соҳа тафсири алоҳидаи касбию соҳавӣ доранд, ки «Тафсири кодекси ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ва «Тафсири Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» намунаи чунин тафсирҳоянд; 3. Ҳар як моддаи кодексу қонун худ вижагии тафсирӣ дошта, мазмун, моҳият ва мақсади он эзоҳ дода мешавад. Вале, мутаассифона ҳамаи онҳо яктарафа ба сомон расида, аксаран агар аз лиҳози касбӣ дуруст бошанд, аз нигоҳи лафзӣ харобанд ва агар аз ҷиҳати лафзӣ саҳеҳ бошанд, ҷанбаи илмиашон тасҳеҳталаб аст. Масалан, чанд тафсирро ки ба қонуну кодексҳо навишта шудаанд, номбар мекунем: «Тафсир ба Кодекси оила».-Душанбе: Суруш, 2002; «Тафсир ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон».-Душанбе, 2004; «Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон».-Душанбе: Глобус, 2006; «Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ».-Душанбе: Шуҷоиён, 2009» ва ғ. Унвони ҳамаи ин китобҳо бо таркиби **Тафсир ба…** оғоз мегардад, ки он тарҷумаи таҳтуллафзии **Комментария к…**-и русӣ буда, аллбата ба қолаби тоҷикии иборабандию таркибсозӣ мувофиқат намекунад ва мо инро дар яке аз мақолаамон қайд карда будем. Қобили қайд аст, ки минбаъд бар ивази қолаби мазкур **Тафсири …** роиҷ гашт: «Тафсири **илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни)** Ҷумҳурии Тоҷикистон».

«Тафсир ба Кодекси оила» дар нашрҳои сеюму чорумаш «Тафсири Кодекси оила» чоп гардид, ки ҳамин дуруст аст. Зеро **ТАФСИР** *а.* تفسير 1. шарҳдиҳӣ, маънидод; шарҳ, баён. 2. тарҷума ва маънидоди Қуръон буда [17, ч.2, с.334], ба иловаи пешоянд ҳеҷ зарурате нест. Матнҳои тафсири мазкур хеле беҳтар шудааст, аммо ҳанӯз ҳам тафсирҳои таҳрирталаб кам нестанд. Аз ин лиҳоз ҳангоми таҳияи қонуну кодекс, ҳуҷҷату асноди ҳуқуқӣ ба масъалаи забон ва услуби онҳо диққату эътибори ҷиддӣ бояд дод.

Тадқиқу омӯзиши истилоҳот яке аз мубрамтарин қазияҳои забоншиносии муосир маҳсуб меёбад. Бояд дарки таърихӣ ва муосири мафҳуми истилоҳоти ҳуқуқ, вижагиҳои мазмуни касбӣ, луғавӣ, сарфию наҳвии онҳо аз лиҳози забон ва ҳуқуқ муайяну муқаррар карда шавад. Барои ин тадқиқотҳои махсуси коршиносӣ зарур аст. Бинобар он ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX А. Д. Хаютин пешниҳод намуда буд (19, с. 47), ки соҳаи нави илм «истилоҳшиносӣ» ҷорӣ карда шаваду он бо масъалаҳои мазкур машғул гардад:

1. Муайян карда шудани қазияҳои бевоситаи истилоҳшиносӣ, ки тибқи принсипҳои умумии забон вижагиҳои низоми истилоҳотро муқаррар созад;

2. Муайян намудани асос, принсип ва тарзу усули таҳлил ва интихоби истилоҳот (терминографӣ), ки мақсадаш омӯзиши ҳаматарафаи диахронию синхронӣ ва муқоисавию таҳлилии истилоҳот, гурӯҳбандӣ, муқаррар намудани мансубияти соҳавию мавзӯии онҳо бошад. Вазифаи ниҳоиаш таҳия ва мураттабсозии луғату фарҳангҳои умумӣ, соҳавӣ, мавзӯии тафсирӣ, дузабона ва бисёрзабона мебошад;

3. Бо низоми муайян ба роҳ мондани тадқиқоти истилоҳшиносӣ ва баррасии масоили мушаххаси таҳлил, тадқиқ ва корбурди истилоҳот. Истилоҳот бояд аз назари забоншиносии умумӣ, бо дарназардошти вижагиҳои миллию давлатӣ дар соҳаи мушаххас бо иртиботу ҳамбастагии соҳаҳои хешу ғайрихеши дигар, яъне дар низоми ягонаи истилоҳот тадқиқ карда мешавад.

Дар замони Шӯравӣ равияҳои мазкур ба андозае раванди муайяни рушди худро падид оварда буданд, аммо онҳо бештар вижагии марҳалавӣ доштанд ва бинобар

асосан бо забони русӣ сурат гирифтани ҳуҷҷатнигорию мурофиаҳо усул, тарзу тариқ ва маводи забонии тайёр сари кор меомад. Ҳоло бошад, замону зимом, талабот ва шарту шароит пурра дигар шуда, аз лиҳози методологияи пешбурди фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазъи хеле мувофиқу мусоид фароҳам омадааст ва ин тақозо менамояд, ки корбурди назариявию амалӣ омили равнақи ҳамдигар гарданд.

Ташаккули ғояҳои иҷтимоии навину замонавӣ, амиқбурди(стратегияи) бунёди иқтисоди бозаргонӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, таҳкими сарқонунии (конститутсионии) ҳуқуқи инсон, ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа(ҳарчанд, ки на ҳамеша назаррас), қувват гирифтани равшанфикрии бунёдкоронаи аҳли пешбари ҷомеа муҳофизону мубалиғон ва коршиносони ҳуқуқро водор менамоянд, то бо мақсади ҳарчи бештару пештар расидан ба таъмини волоияти қонун, ки онро Президенти кишвар ҳанӯз соли 2009 ба талаби замон дароварда буд, дар қабулу ҷорӣ гардидани қарору асноди воқеию ҳаётӣ ҳарчи ҷиддитар, босуботтар манфиатбахштар ва мушаххастару нишонрастар амал намуда, чун аламбардорони қонун бахри равнақи илму амали ҳуқуқ саҳмгузор бошанд. Танҳо дар ҳамон сурат муҳофизони ҳуқуқ кафили волоияти қонун шуда метавонанд. Расидан ба ин дараҷа аз ҳар як ҳуқуқшинос заҳмату дониш ва маҳорату малакаи зиёду амиқе металабад.

Шарти асосию воқеии муваффақият пеш аз ҳама забондонӣ ва соҳиби дониши касбӣ будан аст. Корманде, ки яке аз инро доро нест, наметавонад, сазовори сано гардад. Зеро барои ба мазмуну мӯҳтавои қонуну кодекс ва моддаҳои он сарфаҳм рафтан ногузир бояд забонро донист. Барои тафсиру эзоҳи ҷанини маъновӯ мазмуни онҳо бошад, на танҳо забондон, балки забоншиноси амалӣ низ будан талаботи ҳатмист.

Мусаллам аст, ки омӯзишу тадқиқи истилоҳот аз маъношиносии истилоҳот шурӯъ мегардад, чунки ҳар як истилоҳ мафҳумеро ифода менамояд, мафҳум бошад, аз дарки маънӣ бармеояд. Тафсиргари (муфассири) мафҳумҳои илми ҳуқуқ зимни муқаррар намудани вижагиҳои фаннӣ, касбӣ ва соҳавии истилоҳ даставвал хусусиятҳои луғавӣ, маъноии аслӣ ва умумии онро дарк намуда, пас ба маънидоди касбӣ мепардозад, вагарна яқин ба иштибоҳ меравад (4, с. 62; 5, с. 23). Зеро, яке аз вижагиҳои асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ сермаъноии вожаҳои он маҳсуб меёбад ва ин агар аз тарафи суханшиносони забон, адабиёт, устодони каломи бадеъ хуб арзёбӣ гардад, коршиносони соҳаи ҳуқуқ бад меҳисобанд. Инро тақозои соҳаи ҳуқуқ донистан салоҳ аст, чунки он талаботу хусусиятҳои худро дорад. Ҳуқуқшинос дар тафсиру маънидоди вожаҳо озод нест. Аз ин лиҳоз лоҷарам лозим омад, ба моддаи 11-и «Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (6, с.5), ки 21-уми майи соли 1998 қабул карда шуда буд, 17-уми майи соли 2004 таҳти унвони «Қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ» илова ворид гардад. Он «бо мақсади ҳарҷониба риоя ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои инсон ба КҶ дохил карда шудааст, ки бевосита аз муқарраароти Конститутсия оид ба арзиши олӣ эълон намудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он бармеояд» [14, с.27]. Бинобар он ҳарчанд, ки илми забоншиносӣ ҳангоми муқаррар сохтани истилоҳ ба тобишҳои маъноию лафзии он аҳамияти бештар зоҳир менамояд, лекин ҳуқуқшинос вожаю таркиб, ибораю ҷумларо аз нигоҳи қонун маънидод мекунад. Чунин муносибати ӯро қонунбарор муқаррар намудааст: «1) Агар меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ духӯра ифода ёфта бошад, ё худ онро ду хел маънидод намоянд, дар ин сурат он ба манфиати айбдоршаванда(судшаванда, маҳкумшаванда) тафсир (маънидод) карда мешавад.

2) Ибораҳо ва ё мафҳумҳое, ки дар ҳамин Кодекс истифода бурда мешаванд, ҳамон

маъноеро дороянд, ки дар қонуни дахлдор оварда шудаанд, агар дар кодекси ҷиноятӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. 3) Дар **доираи Кодекси мазкур** ба маъноҳои гуногун тафсир кардани мафҳумҳои якхела манъ аст, ба шарте, ки дар худи ҳамин Кодекс оид ба он нишондоди махсус набошад» [6, с.5].

Бояд таъкид кард, ки ба маъноҳои гуногун тафсир кардани мафҳумҳои якхела на танҳо дар доираи ҳамин кодекс манъ аст, балки дар тамоми кодексу фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ мумкин нест. Бинобар он гуфтан беҳтар аст, ки «бе нишондоди махсус ба маъноҳои гуногун тафсир кардани мафҳумҳои якхела ва сермаъноро қонунбарор манъ мекунад». **Ё худ** «бе нишондоди махсус ба маъноҳои гуногун тафсир кардани мафҳумҳои якхела ва сермаъноро манъ мекунад».

Воҳидҳои истилоҳӣ дорои як қатор нишонаҳои муҳиманд ва асоси воқеӣ доштанашон яке аз онҳост [1, с. 129; 3, с. 64; 9, с. 68-72]. Асоси воқеии пайдоиши истилоҳот ба тафаккури эҳсосиву фаъолияти ақлонии инсон вобаста мебошад, ки барои ифодаи ашёву мафҳум воҳиди алоҳидае интихоб менамояд. Омӯзишу таҷриба собит менамоянд, ки якмаъноию урёнбаёнӣ бештар хоси забонҳои Ғарб буда, барои забонҳои Шарқ бисёрмаъноӣ, маъноҳои рамзию маҷозӣ ва баёни пардапӯшона писанд аст ва ин ба корбасти истилоҳот низ бетаъсир намондааст. Имрӯз мо даҳҳо истилоҳвожаро метавонем ном бурд, ки дар соҳаҳои мухталиф бо маъниҳои гуногун роиҷанд. Масалан, худи вожаи **қарз** чунин вижагиҳои маъноӣ дорад: **ҚАРЗ** *а.* قرض 1. пул ё чизе, ки ба шарти дар муддати муайян гардонда додан аз касе гирифта мешавад: **қарз гирифтан, қарз додан**. 2. *маҷ.* вазифае, ки иҷрои он зарур аст, дайн… [17, ч. 1, с. 658].

Мо ҳамеша таъкид медорем, ки дар соҳаи ҳуқуқ оддитарин вожа метавонад, хусусияти истилоҳӣ ба худ гирад. Масалан, калимаи **доғ**, ки аз назари вожашиносӣ умумиистеъмолӣ, серистеъмол, оммафаҳм, сермаҳсул, сермаъно, асливу сода аст, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бо чунин тобишҳои маъноӣ тафсир ёфтааст: **ДОҒ** داغ 1. сахт тафсонидашуда, гудохта; сӯзон, хеле гарм: **равғани доғ**. 2. нишона ва лаккае, ки дар ҷое ё чизе мондааст (*мас., нишонаҳои захм ва ҷароҳат дар бадан, лаккаи равған ё чирк дар либос ва г.*), асар, нақш; **доғи бадномӣ** асари бадномӣ, нишонаи шармандагӣ. 3. ҷои тамға, ки бо оҳани тафсон ба рони чорпоёни гала зада шудааст; тамғае, ки дар қадим ба даст, пешонӣ ё тахтапушти бандиёну ғуломон зада мешуд. 4. *маҷ.* ғаму андӯҳ, аламу ҳасрати сахт ва азоби қалбӣ, ки аз марги фарзанд ё волидайн, ҳиҷрону фироқ ё рашки касе пеш меояд: **доғи фарзанд, доғи модар, доғи фироқ, доғи ҳаҷр, доғи ҳиҷрон**; **дарду доғ дидан**… 5. *маҷ.* бадномӣ, айб; нанг. 6. *тиб.* нишонаҳои гуногунранг дар рӯи пӯсти инсон, ки бо иллате пайдо мешавад; **доғи кунҷитак** *ниг.* **кунҷитак**; **доғи нағзак** *ниг.* **нағзак**; **доғи обила** *ниг.* **обила**; **доғи нағзакдор** обиларӯй; **доғ кардан** а) лаккадор кардан; чиркин кардан; б) тафсондан, гудохтан (равғанро); **доғ шудан** а) гудохта шудан, тафсонда шудан; б) аз шиддати дард сӯхтан (*махсусан аз дарди ишқ ё орзуи висол*); ғусса хӯрдан (*аз ҳасаду рашк*). 7. он чи таваҷҷӯҳ ва диққати ҳамагонро ҷалб намуда, боиси баҳсу мунозираҳои шадид мегардад [17, ч.1, с. 477]. Дар ҷумлаи поён, ки мисрае аз ғазал аст, ягон нишонаи истилоҳӣ надорад:

**Доғи** дасти худ наям, **доғам**, ки **доғ** аз даст рафт. Дар ниҳоди ҳуқуқ бошад, он яке аз асоситарин истилоҳот маҳсуб меёбад. Он бо вожаи **судӣ** ибора сохта, дар қолаби ибораи изофии ***доғи судӣ*** ифодагари «ҳолати махсуси ҳуқуқии шахси аз тарафи суд барои содир намудани ҷиноят гунаҳкор донисташуда ва ба ҷазои ҷиноятӣ маҳкумшуда мебошад, ки дар моддаи 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст» [16, с. 155].

Як хусусияти дигари истилоҳот, аз ҷумла вожаҳои ҳуқуқӣ дар он аст, ки асосан исм шуда меоянд, зеро истилоҳот асосан номи раванд, ҳодисоту воқеот, ашё, хусусият, ченак, мафҳумҳоро ифода месозанд [7, с. 14; 12, с. 68]. Аммо дар ҳуқуқ ин таснифот риоя намешавад, бисёр вожаҳои махсус ба назар мерасанд, ки аз ҷумлаи сифату феъл низ сохта шудаанд: баробармавқеъ, бастани шартнома, қатъ кардани никоҳ ва ғ. Ҷиҳати дигари махсусияти истилоҳоти ҳуқуқ дар сертаркибии онҳост. Чунин ба назар мерасад, ки ҳатто шумораи истилоҳоти таркибӣ дар ин соҳа аз истилоҳвожаҳо бештар аст. Ин албатта ду ҷиҳат дорад. Агар калима мафҳумро ба таври умумӣ ифода намояд, истилоҳҳои сертаркиби ду-се вожагӣ мафҳумро мушаххас мегардонад, умуман ибора ҳар қадар тафсил ёбад, мафҳум ҳамон андоза мушаххастар шудан мегирад. Аз тарафи дигар корбасти онҳоро душвору мураккаб мегардонад, зеро истилоҳ ҳар қадар кӯтоҳу мушаххас бошад, ҳамон қадар ба талабот мувофиқтар мешавад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми истилоҳофарӣ ба ҷиҳати ифдогарии (номбаркунандагии) он диққати аввалиндараҷа бояд дод. Истилоҳоти ҳуқуқ чун омилу воситаи муҳтавои меъёри ҳуқуқ дар рушду нумӯи тамоми соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми аввалиндараҷа дорад, зеро тамоми фаъолияти ҳар як соҳа, хусусан ба корбурди техникаи нигориши юридикӣ, интихоби дурусту корбасти бамавриди он вобастагии хеле қавӣ дорад. Вале мутаассифона масъалаи истилоҳофарӣ, интихоб ва истифодаи саҳеҳи он аз назари коршиносон қариб тамоман дур мондааст, ҳол он ки барои таҳияи ҳуҷҷату аснод ба ҳисоб гирифтани забон, технологияи қонунгузорӣ, мафҳумоти ҳуқуқиву муқаррароти он зурур аст. Аз ин лиҳоз қонунгузории тоҷик барои ба талаботи замон мувофиқу ҷавобгӯ гардонидани дастгоҳи юриспруденсия ниёзи аввалиндараҷа дорад. Барои ноил гардидан ба ин ҳама бояд омӯзишу тадқиқоти муназзаму ҷиддӣ ва фарогир ба роҳ монда шавад, то зина ба зина, марҳала ба марҳала ва соҳа ба соҳа масоилу қазияҳои марбута ошкору тасниф карда шуда, мавриди таҳлилу баррасии муштараки лафзию ҳуқуқӣ қарор гирад. Танҳо дар ҳамин сурат ва чунин муносибати ҳаматарафаи илмӣ ба барори кор умед баста, барои ба забони илм баргардонидани забони тоҷикӣ ва ба маҷрои илмӣ даровардани ҳуқуқшиносии милии ҷаҳонигаро саҳмгузор будан мумкин аст. Дар фаъолияти инсон, аз ҷумла корманди ҳифзи ҳуқуқ мушоҳида, дарку тафаккур; қайд; таҳлили мантиқӣ, илмӣ, ҳаётӣ, касбӣ; баррасӣ ва натиҷагирӣ муҳим аст. Яқин аст, ки бе истифодаи дурусти забон фаъолияти мазкур мувофиқи мақсад ва самаранок сурат гирифта наметавонад. Маълум аст, ки кори ҳуқуқшинос аз дараҷаю сифати таҳияи аснод, қонун, кодекс, фармону супориш, таъиноти махсус ва татбиқи онҳо вобаста мебошад. Барои ин ӯ бояд забони шифоҳӣ ва хаттиро ба мукаммал донад ва кор фармуда тавонад.

Забони ҳуқукро ба **забони таълимоту ақоид ва қонун; забони ҳуқуқи аснодӣ; забони касбии шифоҳӣ** ҷудо месозанд [8, с. 32; 11, с. 69; 16, с. 91]. Забони таълимоту ақоид ва қонун танҳо хусусияти расмӣ дошта, фақат дар ҳуҷҷатҳои давлатию коргузорӣ мустаъмал аст. Таркиби луғавии он аз ҳама мураккабу олӣ буда, асоси забони қонуну қонунсозиеро ташкил медиҳад, ки мутобиқи талаботи илмҳои ҳуқуқу забон ташаккул меёбад. Забони ҳуқуқи аснодӣ доираи васеътар дошта, онро ба ғайр аз коршиносони соҳа дигарон низ метавонанд ба истифода гиранд ва он то коргузорию дафтардорӣ мустаъмал аст. Ташаккулу таҳкими расмии забони қонунгузорӣ равияҳои гуногуни тадқиқу омӯзишро метавонад муқаррар созад, ки зарурату аҳамияти пайдоиши қонун, муҳиту замони бавуҷудоӣ, доираю дараҷаи амалкард, саҳми онро дар таъмини волоияти қонун муқаррар хоҳад кард. Забони ҳуқуқи аснодӣ бо мақсади таъмини

манфиати оммаи ҷомеа ҳарчи бештар унсурҳои умумиистеъмолиро ба арсаи кор дароварда, барои қонунфаҳм гардидани шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Забони касбии шифоҳӣ забони фаъолияти ҳамарӯзаву ҳамаҷояи корманди ҳифзи ҳуқуқ бо омма мебошад. Он сарчашма ва интиҳои ду забони дигари мазкур буда, маҳаки асосиест дар ташаккули илмӣ, наҳвӣ ва техникии онҳо. Сарчашма барои он маҳсуб меёбад, ки мисли таркиби луғавии забони умумӣ дар таълимоту ақоид ва қонун бисёр вожаҳои умумиистеъмолӣ корбаст мегардад. Ҳам аз ҷиҳати шумораю ҳам аз лиҳози моҳият калимаҳои ин таснифа фузунӣ дорад. Интиҳо аз он сабаб аст, ки қонун бо забони адабию давлатӣ таҳия гардида, ба халқ хизмат менамояд. Омма бошад ҳар як қонуну бандҳои онро бо лафзи худ қабул ва корбаст менамояд. Ҳар се равияи забон умумияту ягонагии зиёд доранд ва асос ҳамоно забони давлатӣ мемонад.

Барои он, ки қонун ба осониву зуд амалӣ гардад, забони меъёр рисолати худро адо намояд, лозим аст, ки услуби махсусу таҳлил, тадқиқ ва таснифи қобили қабули умум интихоб карда шавад, то ба қишри гуногуни ҷомеа расида тавонад. Барои ин зарур аст, ки низоми (системаи) луғавии ягона дар мубодилаи доимӣ қарор гирифта, имкони таъмини ғановати захираи луғавии касбиро дошта бошад. Ин се дар маҷмӯъ услуби махсуси забони ҳуқуқро муайян менамоянд ва услуби нигориши меъёри қонунгузорӣ, каломи (нутқи) қонунгузорӣ, бо вижагиҳои **мукаммалӣ, хулосаи мантиқӣ, дастурӣ, нишондодӣ, раҳнамунӣ, расмиятгароӣ ва мушаххасбаёнӣ** фарқ мекунад. Услуби ҳуқуқ тақозо менамояд, ки мақсад мухтасар, мушаххас, далелнок ва пурмӯҳтавову нишонрас баён гардад. Баёни ҳуқуқ бояд возеҳу равшан, мукаммал бепардаву киноя бошад, он чунон таҳия гардад, ки шахси манфиатдор мазмуну мӯҳтаво, асосу далелҳои онро ба таври худ маънидод намуда, ба фоидаи худ ҳал карда натавонад, барои ягон кас имкони шарҳу эзоҳ ва тасвири муддаиёна надиҳад [7, с. 67; 13, с. 54; 15, с. 57; 18, с. 95]. Баръакс баёни шифоҳию хаттии ҳуқуқ саршори ақидаву тафаккури қавӣ, иродавӣ, ҳукмгароӣ, хулосаву натиҷагириҳои расмӣ бояд бошад ва ин ҳама танҳо дар сурати интихобу корбасти бамавриди истилоҳвожаҳои зарурӣ имконпазир хоҳад шуд. Ҳамзамон бояд дар хотир дошт, ки истилоҳ низ муфрад буда наметавонад. Он дар ҳамбастагӣ бо вожаҳои дигари таркиби луғавии забон мақоми хоса пайдо карда метавонад. Маҳз ба туфайли мавҷудияти унсурҳои гуногунмақоми ғайриистилоҳӣ калимаҳои махсус дар матни ҳуқуқ тобишу ҷилои зарурӣ мегирад, зеро истилоҳот маъмулан мафҳумоти шартиро ифода менамоянд. Мафҳум бошад, ифодагари асоси маънои луғавии вожа мебошад. Мафҳум чун таҷассумгари тафаккур бо вожа, ки воҳиди асосии забон маҳсуб меёбад, робитаи доимӣ дорад. Бояд таъкид намуд, ки маҳз дар натиҷаи вижагии махсусро соҳиб гардидани мафҳум вожа ба истилоҳ табдил меёбад. Чунин хусусият аксар истилоҳвожаҳои ҳуқукро хос аст [7, с. 24; 10, с. 104].

Умуман бояд эътироф кард, ки вақтҳои охир мисли калимаҳои маъмулӣ истилоҳвожаҳо низ хусусияти сермаъноӣ ё серсоҳавӣ пайдо карда истодаанд ва ин хилофи қоидаи маъмулиест, ки тибқи он истилоҳ бояд якмаъно бошад. Масалан, вожагоне аз қабили **бозаргонӣ, андоз, иқтисод, назорат, сиёсат, қарор** ва ғ. ҳоло бештар вижагии умумиистеъмолӣ гирифтаанд. Аз эҳтимол дур нест, ки рафта-рафта ин талабот сарфи назар гардад. Ин руходи табиист, зеро вожае, ки қудрати ифодасозии мафҳуми ҳуқукро дорад, мумкин аст истилоҳ номид ва баръакс истилоҳе, ки аз якмаъноӣ дур шудааст, калимаи умумиистеъмолӣ ҳисобидан равост.

Албатта мафҳуми ҳуқуқӣ ва истилоҳи ҳуқуқ таносубе бояд дошта бошанду доираи

мазмун ва шаклҳои ҳуқуқро муайян созанд. Мафҳуми ҳуқуқӣ категорияҳои ҷиҳатҳои ба мазмун вобастаи ҳуқуқро ифода месозад. Истилоҳи ҳуқуқ таҷассумгари шакли ҳуқуқ буда, ба коршинос ё муфассири матни санади меъёрию ҳуқуқ доир ба мафҳуме ё ашёе маълумот медиҳад. Аз ин ҷост, ки истилоҳро категорияи забонӣ низ меҳисобанд. Аз корбурди истилоҳ ва шарҳу тафсири он дарки маъниву мазмун ва пешбурди тафсир вобаста буда, тақозо медорад, ки мӯҳтавои асноду ҳуҷҷат муқаррар карда шавад ва ин пурмазмуну фаҳмо, илмӣ таҳия гардидани онҳоро таъмин менамояд. Дар маҷмӯъ ва интиҳо интихоби дурусти истилоҳот ва корбасти бамавриди он яке аз омилҳои пешбурди асноду қонунгузорӣ хоҳад буд.

***Пайнавишт:***


1. *Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов. 2-е изд./ О. А. Ахманова. –М.: Сов. энциклопедия, 1969. - 607 с.*
2. *Гендерная экспертиза российского законодательства: сборник научных статей под ред. Л.Н. Завадской. – М.: БЕК, 2001. - 325с.*
3. *Головин, Б.Н., Кобрин, Р.Ю. Лингвистические основы учения о терминах / Б. Н. Головин, Р. Ю. Кобрин. – М.: Высшая школа, 1987. -276 с.*
4. *Кобрин, Р.Ю. О понятиях «терминология» и «терминологическая система» / В. А. Татаринов. История отечественного терминоведения. Т. 3. Аспекты и отрасли терминологических исследований (1973-1992): Хрестоматия. - М.: Моск. лицей, 2003. - С.19-31.*
5. *Ковалев, М.И. О роли научных понятий в уголовном праве и криминологии // Правоведение / И.М. Ковалев.- 1980, № 5. - С. 56-58.*
6. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Қонуният, 2008. - 410 с.*
7. *Лотте, Д.С. Основы построения научной терминологии / Д.С. Лотте. - М., 1961.- 157 с.*
8. *Люблинский, П.И. Техника, толкование и казуистика Уголовного кодекса/ П. И. Люблинский. - М.: Зерцало-М, 2004. – 248 с.*
9. *Мелькин, А.А. Формирование юридических понятий в российской правовой системе: дис… канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мелькин Антон Александрович - М., 2008. -150 с.*
10. *Нигматдинов, Р. М. Проблема правовых понятий и оценочных категорий в гражданском процессуальном праве: дисс... канд. юрид. наук: 12.00.15 / Нигматдинов Ринат Мунзирович. - Саратов, 2004. -186 с.*
11. *Пиголкин, А.С. Юридическая терминология и пути ее совершенствования / Ученые записки. Труды ВНИИСЗ. -1971. -№ 24. -С. 65-74.*
12. *Реформатский, А.А. Термин как член лексической системы языка / А. А. Реформатский. - М.: Наука, 1968. -58 с.*
13. *Савицкий В.М. Язык процессуального закона (вопросы терминологии) / В. М. Савицкий. - М., 1987. – 287 с.*
14. *Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: Глобус, 2006. -880 с.*
15. *Туранин, В. Ю. Проблемы формирования и функционирования юридической терминологии в гражданском законодательстве РФ: автореф... дисс. канд. юрид. наук: 12.00.03 / Туранин Владислав Юрьевич - Белгород, 2002. - 24 с.*
16. *Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. -Душанбе: Эр-граф 2009.- 620 с.*
17. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Дар ду муҷаллад. -Душанбе: Шарқи озод, 2008. -Ҷ.1. 949с.; Ҷ.2. 944с.*

*18. Хабибулина, Н.И. Политико-правовые проблемы семиотического анализа языка закона: автореф. дис... докт. юрид. наук: 12.00.01 / Наталья Ивановна Хабибулина - СПб., 2001.-46с.*

*19. Хаютин, А.Д. Термин, терминология, номенклатура: учеб. пособие / А. Д. Хаютин. – Самарканд: СГУ, 1972. -142с.*

***Reference Literature:***

*1. Akhmanova O.S. Glossary of linguistic terms. 2 nd ed. / O.A. Ahmanova. - M.: Sov. encyclopedia, 1969. -607 pp.*

*2. Gender expertise of Russian legislation.- // Collection of scientific articles under the editorship of L.N. Zavadzkaya. - M.: BEK, 2001.-325 pp.*

*3. Golovin B.N., Kobrin R.Y. Linguistic basis of the doctrine of terms: B.N. Golovin, R. Yu. Kobrin. - M.: Higher School, 1987.-276 pp.*

*4. Kobrin R.Y. The concepts of "terminology" and "terminological system" / V.A. Tatarinov History of home terminology. T. 3. Aspects and branches of terminological researches (1973-1992): Chrestomathy. - M .: Moscow Lyceum, 2003. -PP.19-31.*

*5. Kovalyov M.I. On the Role of Scientific Concepts in Criminal Law and Criminology / Knowledge, 1980. № 5.- PP.56-58.*

*6. Criminal Code of the Republic of Tajikistan.-Dushanbe: Qonuniyat, 2008. -410 pp.*

*7. Lotte D.S/ Fundamentals of scientific terminology formation. dis ...Disertation for scientific degree in jurisprudence. - M., 1961 / D. S. Lotte. - M., 1961.-157 pp.*

*8. Lyublinsky P.I. Technique, interpretation and casuistry of the Criminal Code / P.I. Lublin. - M .: Mirror-M, 2004. -248 pp.*

*9. Melkin A. F. Formation of juridical concepts in the Russian legal system:12.00.01 / A. A. Melkin. - M., 2008.-150 pp.*

*10. Nigmatdinov R. M. Problem of legal concepts and categories of evaluation in the civil procedural law. Candidate`s dissertation in jurisprudence:12.00.15 / F. M. Nigmatdinov. - Saratov, 2004.-186 pp.*

*11. Pigolkin A.S. Legal terminology and ways of its improvement / Scientific Notes. VNIISZ. 1971. № 24.-PP.65-74.*

*12. Reformatsky A. A.. Term as a member of the lexical system of Language / A. A. Reformatsky. - M .: Science, 1968.-58 pp.*

*13. Sawitsky cki V.M. Language of Procedural Acts (questions of terminology) / V. M. Sawitcky. - M., 1987. -287 pp.*

*14. Criminal Code of the Republic of Tajikistan. -Dushanbe: Globe 2006. -880 pp.*

*15. Turanin V.Y. Problems of formation and functioning of legal terminology in the civil legislation of the Russian Federation. Synopsis of Candidate`s dissertation in jurisprudence. - Belgorod, 2002.-24 pp.*

*16. The Dictionary of Juridical Terms. -Dushanbe: Er-graf, 2009. -620 pp.*

*17. Interpretation dictionary of the Tajik language -Dushanbe: Freedom of the Orient, 2008, volume 1. -949 pp.; volume 2. -944 pp.*

*18. Khabibulina N.I. Politico-legal problems of semiotic analysis of the language of law (theoretical and methodological studies): Synopsis of Dr.`s dissertation in jurisprudence:12.00.01 - SPb.: Sciences, 2001. - 46 pp.*

*19. Hayutin A.D. Term, terminology, nomenclature / A.D. Hayutin. Textbook. - Samarkand: SSU, 1972. -142 pp.*